**Тақризи**

**Роҳбари илмӣ - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ - Искандаров Зайниддин Ҳамидович ба тадқиқоти диссертатсионии Раҳимзода Муъмин Сайфулло дар мавзӯи «Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ: вазъи батанзимдарории ҳуқуқӣ, амалия ва дурнамои инкишофи он» ҷиҳати дарёфти дараҷаи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Мурофиаи ҷиноятӣ**

Раҳимзода Муъмин Сайфулло баъд аз хатми макотиби олӣ сентябри соли 2011 ба сифати ассистент дар кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба фаъолияти омӯзгорӣ шурӯъ намудааст. Ӯ аз миёни фанҳои кафедра бештар ба фанни мурофиаи ҷиноятӣ марок зоҳир намуда, дар тули чанд сол масъули пешбари кори маҳфили илмии днишҷӯёни назди кафедра “Мурофиачиёни ҷавон”-ро ба зимма дошт. Ӯ соли 2011 ба аспирантураи ДМТ дохил шуда, мавзӯи тадқиқотии худро муайян ва ба нақшаи корҳои илмии тадкиқотии кафедра ворид ва тасдиқ намуд. Мавзӯи ӯ “Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ: вазъи батанзимдарории ҳуқуқӣ, амалия ва дурнамои инкишофи он» тибқи муқаррароти шаҳодатномаи ихтисоси 12.00.09. – мурофиаи ҷиноятӣ муттаалиқ ба ҳамин ихтисос буда, аз рӯи он рисолаи илмӣ иҷро, ба натиҷаву дастовардҳо ноил ва ба анҷом расонида шудааст.

Мавзӯи “Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ” барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, имрӯз ба мисли мамлакатҳое, ки дар он сатҳи ҷинояткории муташаккил ниҳоят баланд буда, шуури ҷинояткорӣ ба дараҷае беибо гашта, ки ҷинояткорон бидуни тарсу андеша тавонманди таҳдиду таъсир ба ҷону моли шоҳиду ҷабрдида ва ҳатто ба кормандони мақомот мебошанд, бинобар ҳамин сабаб ниҳоят муҳим арзёбӣ гардад, шукр, ки чунин нест. Вале воқеияти ҳоли татбиқи Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ” аз он шаҳодат

медиҳад, ки таҷовуз ба ҷону моли иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ кам ба назар расида, таҷрибаи кории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ин ҷода низ хеле камчин аст, ки сабаб ва омилҳои худро дорад.

Чунин ҳолат ба назари мо нишонаи хунукназарӣ ва ё сустии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ набуда, ифшогари вижагиҳои воқеияти ҳолати ҷинояткорӣ ва муносибати мӯътадили давлату мақомот ба он мебошад. Чунин муносибати мӯътадилро дар амалӣ намудани қонуни ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ мо ба чанд омил алоқаманд медонем:

- аввал, ин ки ин падидаи ҳуқуқӣ, таърихан чун «барномаи ҳимояи шоҳидон» (...на ҳамаи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ) дар мамлакатҳое рӯи кор омада буд, ки дар он ҷой озодии «дараҷҷаи бузург» шиори зиндагии ҳар кас шуда, сатҳи ҷинояткорӣ ба авҷ расидаву ҳолат ва сохтори он хеле мураккаб, шуури ҷинояткорӣ ба дараҷае расида буд, ки беибо ҷинояткорон метавонистанд ба шоҳиду ҷабрдидагон ва ҳатто ба кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таҳдиду таъсир расонанд. Мисол, падидаи ҳимояи шоҳидон дар ШМА аввалин маротиба соли 1970 тавассути Қонун дар бораи назорат аз болои ҷинояткории муташаккил муайян шуда буд. Онҳо ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятиро чун чораи мубориза ба муқобили ҷинояткории муташаккил пешбинӣ намуда буданд, ки дуруст буд.

Мо аз он қаноатмандем, ки имрӯз ҳолати ҷинояткорӣ дар ҷумҳурии мо мураккабу муташаккил набуда, барои ба ҳаёт татбиқ намудани қонуни мазкур муносибат дар ҳолати миёнаву мӯътадил қарор дорад. Бинобар ҳамин, Ҳукумати Тоҷикистон имрӯз қадамҳои муназзаму бомаромро баҳри таъмин намудани амнияти иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ гузошта истодааст;

- дуввум, сиёсати муназзами тадриҷан демократикунонии ҳаёти ҷомеаъ ва таъмин намудани реҷаи қонунияти ҷиддӣ пеши роҳи таҳдиди куштору зӯровариро на танҳо умуман, балки зимни мурофиаи ҷиноятӣ нисбат ба иштирокчиёни он низ мегирад;

- севвум, на ҳамеша шахсоне, ки ниёз ба ҳимояи давлатӣ пайдо мекунанд, бо ариза ба мақомот мурочиат менамоянд, бинобар ин соҳибихтиёрии ӯ дар ҷодаи ҳимояи ҳақ аз ҷониби давлат сарфи назар карда намешавад;

- чорум, дар воқеъ қабул шудани қонуни мазкур амали зарурӣ буда, бидуни муҳобот, тадриҷан ва мунтазам ба ҳаёт татбиқ намудани он аз сиёсати дурусти адлияи ҷиноятии рукни ҳокимияти иҷроия шаҳодат медиҳад. Аз ин рӯ, муҳимият ва мубрамияти мавзӯи мазкур муносибати мӯътадил ва зарфиятҳои дигареро низ тақозо менамояд, ки тадқиқоти мазкур ба он такя намудааст.

Аввал ин, ки ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиву ҳуқуқии кишвари азизамон тадриҷан рӯ ба инкишоф буда, ғояҳои озодӣ, демократия ва авлавияти манфиати шахсӣ шуури ҷамъиятиро фаро гирифта, ашхос озодиву соҳибихтиёрии худро эҳсос намудааст, дар сурати қонунӣ амалӣ шудани он мусбиву манфиатовар аст. Вале ҳамин руҳияи озодии бузург бидуни назорати давлатию ҷамъиятӣ метавонад бархе аз афродро ба зиёдаравӣ, вайрон намудани тартиботи дахлдори ҳуқуқӣ, таҳдиду зӯроварӣ нисбат ба қобилони тартибот моил менамояд, ки ба шахс, ҷомеа ва давлат зараровар мебошад. Нисбат ба чунин ашхос, ногузир ва фавран бояд чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ татбиқ карда шуда, нисбати нафароне, ки ҳаёт, саломативу амволашон, бинобар иштирок дар кори муфиди мурофиаи ҷиноятӣ зери хатар қарор мегирад, чораҳои ҳимояи давлатӣ татбиқ карда шавад.

Дуввум, мурофиаи ҷиноятӣ дигар тарзи маъруфи ҳимояи ҳуқуқ ва манфиат маҳсуб ёфта, дуруст ва муътадил ҷорӣ гаштани он бағоят аҳамияти муҳими иҷтимоӣ дорад, аз ин рӯ, давлат ва ҷомеа манфиатдор аст, ки ҳеҷ кас ба рафти муътадили мурофиаи ҷиноятӣ мудохила накунанд, аз он ҷумла ба иштирокчиёни он бо ҳар роҳу васила ғайриқонунӣ.

Севвум, нисбат ба баъзе намуди маҳдуди ҷиноятҳо, ба мисли терроризм, экстремизм, гардиши ғайриқонунии моводи мухаддир, хариду фурӯши одамон, дар маҷмӯъ ҷиноятҳои фаромарзӣ муташаккилият дида

шуда, аъзоёни ин гуруҳҳо аз ҳеҷ воситаи таъсиррасонӣ ба иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ба хотири дифо аз манфиатҳояшон, рӯ намегардонанд. Аз ин рӯ, давлат нисбат ба таҳдиду хатарҳои мавҷуда бо мақсади таъмини амният ва дастгирии иҷтимоии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ чораҳои ҷиддии амниятиву иҷтимоиро маҷбур аст, истифода намояд. Гузашта аз ин, дар рафти тафтиш ва баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ дар суд бо мақсади тағйир додани нишондод, ё ин ки тамоман аз он даст кашонидан, афроди алоҳида таҳдиду зӯроварӣ карда мешаванд ва ё шахсоне, ки аз ҷиноят ҷабр дидаанд зи тарси ҷинояткорон ё бинобар боварӣ надоштан ба ҳимояи давлатӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат намекунанд.

Чорум, бо мақсади ҳамкорӣ, дастгириву тақвияти кори якдигар дар масоили мубориза ба муқобили ҷинояткории муташаккил ва ҳимояи иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ Тоҷикистон санадҳои ҳуқуқии байналмиллалӣ, аз ҷумла: Созишнома оид ба ҳимояи иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ (2006, Минск), Конвенсияи Созмони Ҳамкории Шанхай бар зидди терроризм, Конвенсияи Созмони Ҳамкории Шанхай оид ба муқовимат бо экстремизм ва монанди инҳоро имзо намудааст, ки онҳо ҳимояи амнияти иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро чун вазифаи тарафҳои Созишнома пешбинӣ намудаанд. Ҳамчунин Ҳукумати ҶТ барномаи давлатии таъмини амнияти иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ барои солҳои 2013-2016 ва чандин қарорҳои дигарро бахри амали намудани чораҳои ҳимояи давлатӣ қабул намуда, ба иҷро расонида истодааст.

Ва маҳз дар замони истиқлолияти давлатӣ ба мо имконият даст дод, ки оид ба падидаи ҳуқуқии таъмин намудани амнияти иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ корҳои илмӣ-тадқиқотӣ гузаронида, аз лиҳози назариявӣ, қонунгузориву татбиқи он, масоили муайян намудани заминаҳои таърихиву ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ, таъйиноти давлатии ҳимояи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, мафҳуму моҳият, муносибатҳои ҷамъиятие, ки зимни татбиқи он ба вуқӯъ мепайвандад, доираи субъектоне, ки дар раванди мурофиаи ҷиноятӣ ниёз ба ҳимояи давлатӣ пайдо мекунанд, доираи субъектоне, ки дар амалӣ намудани чораҳо масъуланд, мафҳум ва таснифи

чораҳои ҳимояи давлатӣ, асос, шарт ва тартиби мурофиавии татбиқи онҳо ҳамчун масъалҳои рузмарра, мубрам ва ҳаётан муҳим арзёбӣ гардида, дар маҷмӯъ аз рӯи низоми муайян дар асоси хулосаҳои илмӣ ҳаллу фасл карда шаванд.

Ва ҳамин омилҳои дар боло зикршуда сабаб шудааст, ки **Раҳимзода Муъмин Сайфулло** мавзӯи мазкурро интихоб намуда, онро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал дар маҷмӯъ ва низоми муайян, мунтазам дар асоси мантиқи илмӣ бо истифода аз усулҳои маъмули маърифат коркард намуда, ба хулосаҳои боэътимоди илмӣ расидааст.

Мақсад ва вазифаи тадқиқоти диссертатсиониро муаллиф бисёр бо назокати баланди илмӣ дар номи худи мавзӯъ ифода намуда, баъдтар онро дар кор чун муайян намудани асосҳои назариявӣ, вазъи батанзимдарории ҳуқуқӣ ва муаммову мушкилоти амалӣ гардонидани ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, коркарди тарҳу воситаҳои ҳуқуқие, ки падидаи мазкурро мукаммал ва амалияи онро самаранок мегардонанд, хеле фаро, бонизому мантиқӣ, аҳамияти амалидошта муайян намуда, баҳри расидан ба он вазифаҳои мушаххас ва ҳалшавандаву дастрасро гузоштааст, ки онро пурра, ҳаматарафа ба иҷро расонидааст.

Навгонии илмии тадқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки диссертатсияи мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рисолаи нахустини илмӣ-маҷмӯавист, ки масоили васеи назариявӣ, танзимгароии ҳуқуқӣ, амалӣ ва дурнамои инкишофи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро муттаҳид намуда, муаллиф заминаҳои таърихии ҳуқуқию иҷтимоӣ, мафҳум, моҳият, сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, доираи васеи субъектон ва намудҳои алоҳидаи чораҳои ҳимояи давлатӣ, асос, шарт ва тартиби мурофиавии татбиқи онро аз лиҳози илмӣ асоснок намуда, барои такмили назария, қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ва дурнамои инкишофи он пешниҳодҳои судманд намудааст.

Натиҷаҳои илмии зимни иҷроиши диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, бармало маълум аст, ки пештар бо чунин мазмуну нишона дар ҳеҷ як рисолаи илмии хотам

мавҷуд набуда, хислату сифати навгониву эҷодкорона дорад ва аз ҷониби муаллиф дар тӯли фаъолияти 10 солаи илмиву эҷодии худ ба даст овардааст. Ҳар як хулоса ва дар заминаи он таклифу пешниҳодҳое, ки муаллиф баҳри мукаммал намудани назарияи ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, қонунгузории он ва амалияи татбиқи ин падидаи ҳуқуқӣ кардааст, дар асоси омӯзиши маводҳои таърихӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмиллалии Тоҷикистон дар ин соҳа, воқеияти ҳоли амали намудани қонунгузорӣ дар бораи таъмин намудани амнияти иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, адабиётҳои соҳавӣ, таҳлилу қиёсӣ андешаҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, омӯзиши амалияи мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ба даст оварда, боэътимод ва асоснок мебошанд.

Натиҷаи ҳамин гуна муносибати ҷиддӣ, меҳнати тулонӣ, муносибат аз рӯи нақша, омӯзиш ва таҳлили маводҳои зиёди назариявию амалӣ буд, ки **Раҳимзода Муъмин Сайфулло** шахсан, муаллифона диссертатсияи муҳиму ҷолиб ва пурмазмун таҳия намудааст.

Натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ аз лиҳози назариявӣ бо муайян намудани мафҳум ва моҳияти падидаи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ; заминаҳои таърихию иҷтимоии пайдоиш ва инкишофи он; сарчашмаҳои батанзимдарории ҳуқуқии ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ; доираи субъектони ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ; намудҳои чораҳои ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ; асос, шарт ва тартиби мурофиавии татбиқи онҳо дар рушду инкишофи илми мурофиаи ҷиноятӣ аҳаммияти шоиста дошта, таклифу пешниҳодҳои муаллиф метавонанд ҳангоми таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, ки ба масъалаҳои амалигардонии ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ дахл доранд, истифода бурда шаванд. Хулосаҳои назариявии ба дастовардашударо дар раванди тадриси фанҳои «Мурофиаи ҷиноятӣ», «Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ», «Адвокатураи судӣ», «Назорати прокурорӣ», «Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ», инчунин дар курсҳои махсуси омӯзишӣ, ба монанди курсҳои «Субъектони мурофиаи ҷиноятӣ»,

«Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ», «Стандартҳои байналмилалӣ оид ба муҳокимаи одилонаи судӣ» метавон истифода бурд.

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расонида шуда, оид ба муҳтавои диссертатсия 12 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 6 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ, 6 мақола дар нашрияҳои дигар интишор шудаанд.

Нуқтаҳои асосии диссертатсия дар конфронсҳои илмӣ-назариявӣ ва илмию амалии сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, мизҳои мудаввар ва дигар ҳамоишҳои илмӣ мавриди маърӯза ва баррасиву муҳокима қарор гирифтаанд, ба мисли конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи: «Нақши ваҳдати миллӣ дар ташаккули давлатдории миллӣ» (19 июни соли 2013, ш. Душанбе); конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи: «Ислоҳоти судӣ дар Тоҷикистон: мушкилот ва роҳҳои ҳалли он» бахшида ба 40-солагии таъсисёбии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ (26 декабри соли 2013, ш. Душанбе); конференсияи илмӣ-амалии байналмиллалие, ки Вазорати корҳои дохилии ҶТ дар мавзӯи: «Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ чун яке аз ҷанбаҳои ҳуқуқи инсон» (14 марти соли 2014, ш. Душанбе) ва дигарон.

Рисолаи мазкур дар асоси риояи талаботи КОА нисбат ба рисолаи номзади илм ба расмияту тартиб дароварда шуда, сохтор ва таркиби он мутобиқ ба мантиқ ва мувофиқ барои кушодани муаммо ва вазифаҳои гузошташуда, тарзи баён соддаву фаҳмо ва илмӣ буда, аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Далелу бурҳонҳои овардашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки тадқиқоти илмии мавриди баррасӣ рисолаи илмии ба анҷом расонидашудаи фардист, ки ба талаботи омода намудани рисолаҳои номзади илм комилан ҷавобгӯ мебошад.

Дар асоси гуфтаву андешаҳои боло, рисолаи номзадии **Раҳимзода Муъмин Сайфулло** дар мавзӯи «Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ: вазъи батанзимдарории ҳуқуқӣ, амалия ва дурнамои инкишофи

дарачаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.09 – мурофиаи ҷиноятӣ барои ҳимоя тавсия карда шуда, ӯ сазовори дарачаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.09 – мурофиаи ҷиноятӣ мебошад.

**Роҳбари илмӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва**
**назорати прокурории факултети**
**ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии**
**Тоҷикистон, дотсент** **Искандаров З.Ҳ**

**Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734051,**
**ш. Душанбе, к. Н. Муҳаммад, 8/4, х.6,**
**Тел.: (+992) 918614075,**
**Email. ziskan@mail.ru**

**Имзои доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**дотсент Искандаров Зайниддин**
**Ҳамидовичро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси Донишгоҳи**
**миллии Тоҷикистон,** **Тавқиев Э. Ш.**